Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА- 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8, синф. 102)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ.**

Дар даҳсолаи охир, рушди иқтисоди миллӣ вобаста аз танзим ва такмили муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат буда, яке аз масоили асосии он муътадилгардонӣ ва самаранок идоракунии захираҳои инсонӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ҷаҳони муосир аз ҷумла дар шароити иқтисодиёти Тоҷикистон бозори меҳнат ҷойгоҳе ба ҳисоб меравад, ки дар он мувозинати меҳнатӣ дар асоси талабот ва пешниҳоди иқтидори инсонӣ, аҳолии машғул дар иктисодиёт вобаста ба музди меҳнат такмил ва ба танзим дароварда мешавад.

Бинобар ин, рушди устувори иқтисодиёт аз самаранок истифодабарии захираҳои инсонӣ ва иқтидори креативии қувваи корӣ дар мамлакат вобастагӣ дорад. Бо дар назардошти ин, рисолаи илмӣ аҳмияти хоса дошта, ба таҳлили иқтидори креативии қувваи корӣ, хусусиятҳои баҳодии ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ, асосноккунии роҳҳои асосии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ равона карда шудааст. Таҳкиқоти гузаронидашуда барои арзёбии таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори меҳнат, ба рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама бо дарки сатҳи баланди шуғлнокӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани суръати рушди иқтисодиёт ва таъмини раванди инноватсионӣ мусоидат менамояд.

Масоили шуғли аҳолӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва музди меҳнат, пеш аз ҳама, аз донишмандӣ, меҳнатдустӣ, корчалонӣ, салоҳиятнокӣ, ҷандирнокӣ, эҷодкорӣ ва қобилияти созандагии худи қувваи корӣ вобастагӣ дорад. Аз ҷониби намояндагони мактаби иқтисоди сиёсии классикӣ ва мусоир, пажӯҳишгарон, олимони ватанию хориҷӣ оиди масъалаи мазкур

фикру ақидаҳои худро баён намудаанд. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани иқтидори креативии меҳнат ва рақобатпазирии он дар марҳилаи муосир ба масъалаи мубрами иқтисодӣ табдил ёфтааст. Чунки таъмини захираҳои инсонӣ бо ҷойи кор, инчунин, ташкили ҷойҳои кории доимӣ ва мавсимӣ бо дарназардошти афзоиши ҳиссаи захираи иқтидори креативии қувваи корӣ аҳамияти калон дорад.

Таҳқиқоти муаллиф собит намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол афзоиши шумораи кормандони худмашғул ё ғайрикироя, чунончӣ, соҳибкорони инфиродии ба қайдгирифташуда тибқи патенту шаҳодатнома ба назар расидааст. Таҳлилҳои дар автореферат овардашуда мушаххас мегардонад, ки агар дар соли 2017 теъдоди онҳо дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ ба 485 109 нафар баробар бошад, ин нишондиҳанда соли 2023 ба 141,4% ё 686 046 нафар ва нисбат ба шумораи қувваи корӣ 25,6% афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, дар рафти таҳлил маълум гардид, ки динамикаи ҳиссаи теъдоди маҷмӯавии аҳолии машғул дар фаъолияти инфиродӣ ҳамасола афзоиш ёфта истодааст. Яъне соли 2023 нисбати соли 2017 теъдоди онҳо ба 72 700 нафар ё суръати афзоиши он 29,8%-ро ташкил додааст (саҳ.19).

Бо назардошти ин, таҳқиқоти анҷомдодаи докторанти (PhD) Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат” барои иқтисодиёти Тоҷикистон муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Дараҷаи асосноксозии муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар автореферати диссертатсия оварда шудаанд, ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ асос ёфтаанд. Дар автореферати диссертатсия маҷмӯи методҳои таҳқиқоти ба монанди, иқтисодӣ-оморӣ, муқоиса, таҳлил ва синтез, графикӣ, эконометрикӣ (коррелятсионӣ-регрессионӣ) ва экстраполятсионӣ (имтидод) оид ба раванди ташаккули механизми идоракунии иқтидори креативии қувваи корӣ истифода шудаанд, ки дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи докторантро (PhD) нишон медиҳанд.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари мавҷуд будани дастовардҳои назарраси илмӣ, аз камбуди холӣ нест, ки ҳамчун эроди ҷузъӣ метавон қайд намуд. Хуб мешуд, агар муаллиф таркиб ва таснифи унсурҳои креативии захираҳои инсониро мавриди баррасӣ қарор медод, зеро муаллиф ба мавқеъ ва равишҳои назариявӣ-илмии коршиносони ин самт диққати махсус зоҳир намудааст (ҷадвали1).

Дар хулоса қайд намудан ба маврид аст, ки тавсияи мазкур сифати таҳқиқоти илмии анҷомёфтаро коҳиш намедиҳад.

Автореферати диссертатсия аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур анҷомёфта буда, дар он хусусиятҳои навгонӣ мушоҳида мешавад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта барои такмилдиҳии таҳқиқоти илмӣ ва амалияи фаъолияти хоҷагидорӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд ва ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Саидмуродзода Л.Ҳ.**

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Мирзо Ризо, 6а. E-mail: info@ied.tj. Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65

**Имзои д.и.и., профессор Саидмуродзода Л.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои ИИ ва Д АМИТ** **Махсутшоева З.Д.**

“19” 02 соли 2026